Ба Шӯрои диссертатсионии
6D.КОА-062 назди Донишгоҳи
славянии Тоҷикистон-Россия

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар мавзеи «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

Иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа - ин маҷмуи сохторҳои ташкиллӣ-иқтисодии илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-таълимӣ, техникӣ-технологӣ, озмоишӣ-лоиҳакашӣ (конструкторӣ) мебошанд, ки натиҷаи фаъолияти онҳо дар шакли ихтирооту пешниҳодҳои оқилона (ратсионализаторӣ) аз тарафи субъектҳои хоҷагидории гуногуни иқтисодӣ истифода гардида, рушди инноватсионии минтақаро таъмин менамояд.

Маҳз ҳамин нуктаҳои зикршуда, боиси гузаронидани ин таҳқиқот шуда, аз муҳимияти он гувоҳӣ медиҳад.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертант иборат аз он аст, ки натиҷа ва хулосаҳо, аввалан, метавонанд ба мақсади баланд бардоштани иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон, баъдан ба мақсади такмили ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар курсҳои зерин ба монанди: «Назарияи иқтисодӣ», «Менеҷменти инноватсионӣ», «Менеҷмент», «Асосҳои фаъолияти инноватсионии корхона», «Асосҳои соҳибкорӣ», «Соҳибкории инноватсионӣ» мавриди истифода қарор гиранд (с.7).

Муаллиф андешаеро махсус қайд менамояд, ки арзёбии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ ҳамчун системаи афзалиятнок мебошад, чунки унсурҳои таркибии он, ба мисли иттилооти илмӣ ва техникӣ, сатҳи касбияти кормандон, маҳоратҳои техникӣ ва амсоли он, бо ҳамдигар алоқаманд буда, норасоии яке аз ин унсурҳо, ҳатто агар дигар унсурҳои мавҷуд бошанд ҳам, метавонад, ки боздеҳи умумиро коҳиш диҳад (С.11).

Дар маҷмеъ автореферати Ятимов А.Ҷ. дар мавзеи хеле мубрам анҷом дода шудааст ва ба талаботҳои муосире, ки нисбат ба корҳои диссертатсионӣ эълон мегардад, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автреферат камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки баъзеи онро мо номбар мекунем:

1. Баъзе хулосаҳои муаллиф хислати умуминазариявӣ дошта, хуб мешуд он андешаҳо бо мисолҳо мушаххас тасдиқ карда мешуданд.

Камбуди ва норасоие, ки дар боло зикр гашт, моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунад. Дар маҷмеъ автореферати мазкур таҳқиқоти ба анҷом расида маҳсуб шуда, дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии нави проблемаи таҳқиқшаванда мебошад. Аз ин рӯ, мо чунин меҳисобем, ки кори пешниҳоднамудаи Ятимов А.Ҷ. дар асоси талаботҳои илмӣ –назариявӣ ва амалияи муосир анҷом ёфтааст, бинобар мо онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ сазовор медонем.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти
кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Наврӯз Н.

Имзои Наврӯз Н.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.